# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ҚАРОР

Дар бораи азхудкунии саноатии истеҳсоли дору

Бо мақсади бо доруҳои пурсамари истеҳсоли худӣ таъмин намудани бозори дохилӣ ва беҳтар табобат кардани беморон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Ташаббуси Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати шаҳри Душанбе ва Ассоциацияи миллии бизнеси хурду миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба истеҳсоли саноати доруҳои нав мутобиқи замима ва таъсиси корхонаи муштараки "ТУРБ"-и Тоҷикистон, Украина, Россия ва Булгория дастгирӣ карда шавад. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи тартиби муқарраргардида корхонаи муштараки зикршударо ба қайд гирад.

2. Ҳукумати шаҳри Душанбе якҷоя бо Кумитаи давлатии идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи тартиби муқарраргардида объекти сохтмони нотамом - комплекси тарбияи ҷисмонии воқеъ дар кӯчаи Муҳаммадиевро барои эҳтиёҷоти истеҳсолӣ ба корхонаи муштараки "ТУРБ" фурӯхта, ҷиҳати ҷойгир кунонидани комплекси ҷорӣ намудани доруҳои нав бино диҳад.

3. Бонки миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо бонкҳои тиҷоратӣ бо дархости корхонаи муштараки "ТУРБ" масъалаи додани кредитро, ки барои истеҳсоли саноатии доруҳои нав зарур аст, баррасӣ намояд.

Сарвазири

Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷ. Каримов

аз 15 июни соли 1995 № 417

ш. Душанбе